**«Тасдиқ мекунам»**
Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, доктори илмҳои таърих, профессор Ибодуллозода А.И.

_______________________

«_27_» ____________ соли 2022

# ХУЛОСАИ
# ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН
## ба номи Садриддин Айнӣ

Диссертатсияи **Ҷаҳонгиров Шамсиддин Ҳотамқулович** дар мавзуи **«Таҳлили луғавию грамматикии истилоҳоти кулолгарӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ»** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) дар кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавӣ пешниҳод шудааст.

Ҷаҳонгиров Шамсиддин Ҳотамқулович соли 2017 факултети забони англисии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айниро хатм карда, дорандаи дипломи дараҷаи бакалаврӣ аз рӯйи ихтисоси «филологияи англисӣ» мебошад.

Соли 2019 шуъбаи магистратураи Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакентро аз рӯи ихтисоси «филологияи англисӣ» ба итмом расонида, соҳиби дипломи дараҷаи магистр гардидааст.

Номбурда ба ҳайси докторант 4-уми октябри соли 2019 ба Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ қабул шуда, мавзуи номзадиаш дар Шурои олимони донишгоҳ тасдиқ гардидааст.

Роҳбари илмӣ – Ҷаматов Самиддин Салоҳиддинович, доктори илмҳои филология, профессори кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ .

Аз рӯйи натиҷаҳои муҳокима дар ҷаласаи васеи кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ чунин **хулоса** карда шуд:

Диссертатсияи Ҷаҳонгиров Шамсиддин Ҳотамқулович таҳқиқоти арзишманди илмӣ маҳсуб ёфта, он ба яке аз масъалаҳои мубрами забоншиносии муқоисавӣ бахшида шудааст.

Мубрамияти диссертатсияи мазкур дар он зоҳир мегардад, ки таҳлили луғавию грамматикии истилоҳоти кулолгарӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ то имрӯз ба таври комил омӯхта нашудааст.

Вожаву истилоҳоти кулолгарӣ ҷузъи таркиби луғавии ҳар як забон ба шумор меравад. Истилоҳоти кулолгарӣ бо бисёр соҳаҳои истеҳсолот,

ки муаррифгари ҳар қавму миллат аст, алоқаи ногусататанӣ дошта, дар ганҷинаи ҳунари шахс таҷассум меёбад. Вожаву истилоҳоти ин қабати луғавӣ, ки дар низоми забон бо номи истилоҳоти кулолгарӣ маъруф аст, дар асори муаррихону мардумшиносон, ки таълифоти худро ба ин ё он ҳунари алоҳидаи дастӣ бахшидаанд, ҳувайдо мегардад.

Асосҳои назариявии таҳқиқот корҳои илмӣ-таҳқиқотии забоншиносони тоҷик ро мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Таҳлилу баррасии ташаккул, таҳаввул ва хусусияти забонии истилоҳоти соҳаҳои гуногуни тоҷикӣ бар мабнои ин оё он асари илмиву ҷуғрофӣ аз тарафи забоншиносони тоҷик М. Султон, С. Назарзода, Т. Шокиров, Ш. Ҳайитова, П. Нуров. З. Фатҳуллоева, А. Абулфайзов ва диг. мавриди таҳқиқи илмӣ қарор мегирад.

Таҳлили муқоисавии истилоҳоти соҳаҳои гуногун ба интиҳои садаи XX рост меояд. То ин замон аз тарафи забоншиносони тоҷик истилоҳоти ин навъи соҳаҳо таҳқиқу баррасӣ гардиданд: сохтмон [Бекмуродов, 2001]; варзиш [Мирзоев, 2005]; обу обёрӣ [Ҷаматов, 2006]; хоҷагии қишлоқ [Саъдиева, 2006]; ҳарбӣ [Саидов, 2006]; тиб [Ҳайдарова, 2007]; андоз [Собирова, 2007]; техника [Ҷураев, 2010]; дипломатӣ [Саидов, 2013]; ҳавопаймоӣ [Каримов, 2014]; забоншиносӣ [Ҷаматов, 2015]; матоъ [Солиева, 2015]; наҳв [Ҷӯраева, 2019]; овошиносӣ [Ғаниева, 2020]; педагогика [Ҷуракулов, 2019]; экология [Каримов, 2021].

Асосан таҳқиқоте, ки зикрашон рафт, ба омӯзишу пажӯҳиши хусусиятҳои сохториву маъноӣ ва луғавии истилоҳот бар мабнои ду забони гуногунсохтору гуногуннизом – тоҷикиву англисӣ ба анҷом расидааст.

Навгонии мавзуи таҳқиқот, пеш аз ҳама, дар он ҳувайдо мегардад, ки дар забоншиносии муқоисавӣ истилоҳоти кулолгарӣ бори нахуст аз нигоҳи муқоисаву муқобала мавриди таҳлил ва таҳқиқи илмӣ қарор дода шудааст. Дар заминаи таҳқиқи диссертатсия таҳия ва нашри фарҳанги истилоҳоти кулолгарии забонҳои тоҷикиву англисӣ дар назар аст.

Диссертатсияи Ҷаҳонгиров Шамсиддин Ҳотамқулович дар мавзуи «Таҳлили луғавию грамматикии истилоҳоти кулолгарӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ).

Натиҷа ва нуктаҳои асосии диссертатсия дар 9 мақола рӯйи чоп омадаанд, ки 7 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи шомили феҳристи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидааст.

**Руйхати мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд:**

[1-М]. Джахонгиров Ш. Х. Взгляд на историю и традиции таджикского гончарного мастерства / Ш. Х. Джахонгиров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2020, № 3. – С. 23- 27.

[2-М]. Ҷаҳонгиров Ш. Ҳ. Хусусиятҳои сохтории истилоҳоти якҷузъаи мансуби кулолгарии забони тоҷикӣ ва аналоги онҳо дар забони англисӣ / Ш. Ҳ. Ҷаҳонгиров // Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ. – Душанбе, 2021, № 5. – С. 65 - 69.

[3-М]. Ҷаҳонгиров Ш. Ҳ. Нақши истилоҳоти иқтибосии кулолгарӣ дар рушди таркиби луғавии забони англисӣ ва шарҳи онҳо ба забони тоҷикӣ Ш. Ҳ. Ҷаҳонгиров // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н. Хусрав. – Бохтар, 2021, № 4. қ. 2 – С. 40 - 44.

[4-М] Ҷаҳонгиров Ш., Ҷоматов С. С. Бозтоби истилоҳоти кулолгарии тоҷикӣ дар асари «Тоҷикон» -и Б. Ғафуров ва муодили англисии онҳо Ш. Ҷаҳонгиров, С. С. Ҷоматов // Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, – Душанбе, 2022, № 4 (29) – С. 92 - 96.

[5-М] Ҷаҳонгиров Ш. Шарҳу тавзеҳи истилоҳоти кулолгарии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар се сарчашма Ш. Ҷаҳонгиров // Ахбори Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2022, № 4. – С. 127 - 132.

[6-М]. Ҷаҳонгиров Ш. Ҳ. Таҳлили сохтории истилоҳоти соҳаи кулолгарии забонҳои тоҷикиву англисӣ дар асоси усули сарфию наҳвӣ / Ш. Ҳ. Ҷаҳонгиров // Паёми Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ. – Душанбе, 2022, № 5(100) – С. 193 - 198.

[7-М]. Ҷаҳонгиров Ш. Ҳ., Ҷоматов С.С. Таҳлили сохтории истилоҳоти соҳаи кулолгарии забонҳои тоҷикиву англисӣ дар асоси усули наҳвӣ / Ш. Ҳ. Ҷаҳонгиров, Ҷоматов С.С. // Паёми Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ. – Душанбе, 2022, № 6 – С. 84 - 92.

**Мақолаҳо ва фишурдаи интишорот дар маҷаллаҳо ва маҷмуаи маводи конфронсҳо:**

[8-М]. Ҷаҳонгиров Ш. Ҳ. Нигоҳе ба таърих ва таомули кулолгарии дастии тоҷикон / Ш. Ҳ. Ҷаҳонгиров // Паёми Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ш. Панҷакент. – Панҷакент, 2021, № 3 – С. 245-248

[9-М]. Ҷаҳонгиров Ш., Ҷоматов С. Таснифоти мавзӯии истилоҳоти кулолгари забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ / Ш. Ҷаҳонгиров, С. Ҷоматов // Масъалаҳои мубрами методикаи таълими забонҳои хориҷӣ, забоншиносӣ, назария ва амалияи тарҷума. мав. конф. илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ. – Душанбе, 2023. – С. 116-121

**Қарор қабул карда шуд:**

1. Диссертатсияи **Ҷаҳонгиров Шамсиддин Ҳотамқулович** дар мавзуи **«Таҳлили луғавию грамматикии истилоҳоти кулолгарӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ»** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) пешниҳод гаштааст, таҳқиқоти анҷомёфтаи илмӣ махсуб ёфта, ба талаботи низомномаи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент,

профессор)»-и Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз таърихи 30-юми июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад.

2. Диссертатсияи **Ҷаҳонгиров Шамсиддин Ҳотамқулович** дар мавзуи **«Таҳлили луғавию грамматикии истилоҳоти кулолгарӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ»** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) ба ҳимоя тавсия мегардад.

3. Диссертатсияи мазкур ба экспертизаи даври дуюми муассиса пешниҳод карда шавад.

Ҷаласаи васеи кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ диссертатсияи Ҷаҳонгиров Шамсиддин Ҳотамқуловичро кори илмии баанҷомрасидаи мубраму муҳим ва пурмуҳтаво меҳисобад, ки дар сатҳи баланди илмию таҳқиқӣ таълиф гардидааст ва ба ҳамаи талаботҳои таълифи корҳои диссертатсионӣ ҷавобгӯ аст. Дар ин замина диссертатсияи мазкурро барои муҳокима дар Шурои олимони факултет пешниҳод менамояд.

Қарори мазкур дар ҷаласаи васеи кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавӣ дар таърихи 22 июни соли 2022 суратҷаласаи № 14 қабул карда шуд.

**Дар ҷаласа иштирок доштанд:** 13 нафар.

**Натиҷаи овоздиҳӣ:** “тарафдор” – 13 нафар, “муқобил” – нест, “бетараф” – нест.

Мудири кафедраи забоншиносӣ ва
типологияи муқоисавӣ,
н.и.ф., дотсент — Асламов Ҳикматулло Акбархонович

Котиби ҷаласа, саромӯзгори
кафедраи забоншиносӣ ва
типологияи муқоисавӣ — Тоҷиева Фурӯғ Рустамбоевна

24.06.2022 с.

«Имзоҳои Ҳ. А. Асламов ва Ф. Р. Тоҷиева - ро тасдиқ менамоям»

Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДДОТ
ба номи Садриддин Айнӣ — Мустафозода Абдукарим